# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти афзалиятнок касб намудааст. Яке аз чунин субъектҳо ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мебошанд, ки ҳамчун шакли иттиҳодияи ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ ва дар баъзе ҳолатҳо шахсони воқеӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолият, ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва татбиқи ҳадафҳои муштарак таъсис дода мешаванд. Бо густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ташаккули сохторҳои корпоративӣ ва афзоиши шумораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, нақши ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар низоми иқтисодию иҷтимоӣ ба таври назаррас боло рафтааст.

Ҳуқуқ ба иттиҳодия яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёфта, ҳам дар қонунгузории миллӣ ва ҳам дар санадҳои байналмилалӣ эътироф гардидааст. Бо вуҷуди ин, татбиқи самараноки ин ҳуқуқ бе мавҷудияти механизми возеҳ ва мукаммали танзими ҳуқуқӣ имконнопазир мебошад. Дар амалия муайян мегардад, ки қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои марбут ба мафҳум, аломатҳо, мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, фаъолияти идоракунӣ, ҳуқуққобилият ва ҷавобгарии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро ба таври пурра ва ҳамоҳанг танзим накардааст.

Махсусан, мушкилоти зерин мубрамиятро тақвият мебахшанд:

– номуайян будани тафовути ҳуқуқии байни мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ»;

– муайян нашудани имконияти иштироки омехтаи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;

– мавҷуд набудани муқаррароти возеҳ оид ба ҳуқуқи машғул шудан

ба фаъолияти соҳибкорӣ;

– номукаммал будани низоми ҷавобгарии молумулкӣ ва муносибатҳои байни ташкилоти асосӣ ва фаръӣ;

– парокандагии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар санадҳои гуногун ва набудани қонуни махсуси танзимкунандаи фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо).

Ин ҳолатҳо боиси ихтилоф дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, мушкилот дар бақайдгирӣ ва идоракунии чунин субъектҳо, инчунин номуайянии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ мегарданд. Дар шароити афзоиши ҳамгироии иқтисодӣ, ташаккули гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, холдингҳо ва дигар шаклҳои иттиҳодияи субъектҳои соҳибкорӣ, масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аҳаммияти стратегӣ пайдо намудааст.

Илова бар ин, қабули «Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» зарурати таҷдиди назар ва такмили муқаррароти амалкунандаи ҳуқуқи маданиро тақозо менамояд. Дар доираи ин раванд таҳқиқи комплексии масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), муайян намудани холигиҳо ва зиддиятҳои меъёрӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ аҳаммияти хоса касб менамояд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти рушди босуръати муносибатҳои иқтисодӣ, зарурати таҳкими заминаи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои корпоративӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти маҷмуи дар илми ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф на танҳо муқаррароти амалкунандаи қонунгузориро таҳлил намудааст, балки бо истифода аз усулҳои муқоисавӣ ва системавӣ ҷойгоҳи ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро дар низоми шахсони ҳуқуқӣ аз нав арзёбӣ намуда, як қатор хулосаҳои назариявии нав ва пешниҳодҳои амалӣ ироа кардааст.

Навгонии натиҷаҳои бадастомада, аз ҷумла, дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

Мафҳуми мукаммали илмии «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» таҳия гардида, пешниҳод шудааст, ки онҳо ҳамчун шакли мустақили ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ дар қонунгузорӣ дақиқ инъикос ёбанд.

Асоснок карда шудааст, ки ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) метавонанд бо ҳайати омехтаи иштирокчиён (ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ) таъсис дода шаванд ва чунин имконият бояд дар

моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон возеҳ муқаррар гардад.

Пешниҳод гардидааст, ки ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқи ҳадафҳои таъсис дода шавад, бо шарти таъсиси ҷамъияти хоҷагӣ ё иштирок дар он, ки ин ба рушди фаъолияти иқтисодӣ ва самаранокии идоракунӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф хусусиятҳои ҷавобгарии молумулкии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро таҳлил намуда, зарурати муқаррар намудани низоми ягона ва императивии масъулият, аз ҷумла масъулияти субсидиарӣ ва иловагиро асоснок намудааст.

Нақши санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими дохилии муносибатҳои корпоративӣ аз нигоҳи назариявӣ асоснок гардида, пешниҳод шудааст, ки дар моддаи 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳуқуқии онҳо муқаррар карда шавад.

Ҷойгоҳи ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар низоми шахсони ҳуқуқӣ аз нав арзёбӣ гардида, пешниҳод шудааст, ки барои бартараф намудани парокандагии меъёрҳои ҳуқуқӣ қонуни махсус оид ба фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) қабул карда шавад.

Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз ҷумла аз инҳо иборат мебошанд:

–ассотсиатсия (иттифоқ) шакли мустақили ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мебошад, ки барои ҳамоҳангсозии фаъолияти аъзоён ва ҳифзи манфиатҳои умумии онҳо таъсис дода мешавад.

– имконияти таъсиси ассотсиатсияҳо бо ҳайати омехтаи иштирокчиён (тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ) ба принсипҳои ҳуқуқи маданӣ мухолиф набуда, бояд дар қонунгузорӣ мустақиман муқаррар гардад.

– муносибатҳои корпоративии вобаста ба фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун навъи мустақили муносибатҳои маданӣ бояд дар низоми ҳуқуқи маданӣ инъикос ёбанд.

– дар м.2 Кодекси мадании ҶТ банди алоҳида бо муайян намудани ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ оид ба қабули санадҳои ҳуқуқии корпоративии дорои хусусияти зериқонунидошта пешбинӣ карда шавад..

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), инчунин бо истифода аз таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия), усулҳои махсуси ҳуқуқшиносӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ, мантиқии расмӣ) ва таҳлили амалияи судиро ба таври пайгирона истифода намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо аз он бармеояд, ки хулосаҳо дар асоси

омӯзиши васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили назарияҳои муосири ҳуқуқи маданӣ ва корпоративӣ, инчунин муқоисаи таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои дигар ба даст оварда шудаанд. Пешниҳодҳои муаллиф на танҳо хусусияти назариявӣ доранд, балки ба воқеияти амалии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такя менамоянд ва ба бартараф намудани холигиҳо ва зиддиятҳои қонунгузорӣ равона гардидаанд.

Муҳим он аст, ки хулосаҳои илмӣ бо таҳлили танқидии меъёрҳои амалкунанда ва муайян намудани мушкилоти татбиқи онҳо асоснок гардида, ҳар як пешниҳоди қонунгузорӣ бо далелҳои ҳуқуқӣ ва мантиқии мувофиқ пуштибонӣ шудааст. Пешниҳодҳои марбут ба такмили моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани имконияти фаъолияти соҳибкорӣ барои ассотсиатсияҳо ва такмили низоми ҷавобгарӣ бо эҳтиёҷоти амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мутобиқ мебошанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ муҳокима гардида, дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки ин ба сатҳи баланди илмӣ ва эътирофи натиҷаҳо аз ҷониби ҷомеаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида дорои асоснокии назариявӣ, мутобиқати ҳуқуқӣ ва арзиши амалии баланд буда, метавонанд ҳамчун замина барои такмили қонунгузории маданӣ ва рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи корпоративӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисола интихоби мавзуи таҳқиқ ҳамчун масъалаи дорои аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ асоснок гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар назарияи ҳуқуқи маданӣ ва амалияи татбиқи муқаррароти марбут ба фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), аз ҷумла моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, номуайяниҳо ва мушкилоти баҳсталаб мавҷуданд, ки ҳалли онҳо барои таъмини татбиқи дурусти қонун аҳаммияти хос дорад.

Дар муқаддима ҳамзамон мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, инчунин навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии онҳо мушаххас муайян гардида, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти мустақил нишон дода шудааст.

**Дар боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Таъмини ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)», ки аз ду зербоб иборат мебошад, мафҳум, намудҳо ва тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Зикр мегардад, ки яке аз роҳҳои таъмини шароити мусоид барои

рушди муносибатҳои бозорӣ, таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (ассотсиатсия, иттифоқ) мебошад.

Сарфи назар аз дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани мафҳуми иттиҳодияҳо, нақши онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ муҳим аст, гарчанде ки қонунгузории ҷорӣ то ҳол самти ягонаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба фаъолияти чунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро муқаррар накардааст (саҳ.17).

Ҳуқуқи таъсис додани ассотсиатсияҳо ҳамчун шакли шартномавии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ набояд бо ягон меъёр маҳдуд карда шавад ва минбаъд оянда он бояд то ҳадди имкон бо қоидаҳои мавҷуда танзим карда шавад.

Муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои ассотсиатсияҳоро таҳлил намуда ба таври асоснок нишон медиҳад, ки номбар кардани тамоми ҳадафҳо ва вазифаҳои имконпазири ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалан ғайриимкон аст, зеро фаъолияти онҳо ба гуногунии ниёзҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳои ғайритиҷоратӣ, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, асос ёфтааст (саҳ.25).

Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки ассотсиатсия – ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятие мебошад, ки аъзои он метавонанд ташкилотҳои тиҷоратӣ ва (ё) ғайритиҷоратӣ бошанд, ки фаъолияти касбиро дар соҳаи мувофиқ анҷом медиҳанд ва тибқи принсипи якхелагии ҳайати иштирокчиён муттаҳид шудаанд».

Иттифоқ, бошад ин ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки аъзоёни он шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, он бо мақсадҳои мушаххас баҳри ҳифзи манфиатҳои умумӣ таъсис дода мешавад (саҳ.49) .

Тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)–ро баррасӣ намуда муаллиф нишон медиҳад, ки шартномаи таъсиси иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба маънои васеъ (доктриналӣ) ва маҳдуд тавзеҳ дода мешавад. Ба маънои васеъ, шартнома дар бораи таъсиси иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, шартномаи байни ду ё зиёда шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ мебошад, ки баҳри таъсис, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мадании онҳо оид ба таъсиси шаклҳои шартномавии иттиҳодияҳо нигаронида шудааст. Ба маънои маҳдуд бошад, шартнома дар бораи таъсиси иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, шартномаи байни ду ё зиёда шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ташкили иттиҳодияи дорои доираи муайяни қобилияти ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки бо розигии иштирокчиёни он муайян карда мешавад (саҳ 77).

**Дар боби дуюми** ин таҳқиқот **«Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф таҳлили муфассал ва низомноки меъёрҳои дахлдори қонунгузориро анҷом додааст.

Фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ба қонунгузорие, ки вазъи

ин субъектҳо, ба амал баровардани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани онҳоро муайян мекунад, асос меёбад.

Дар шароити имрӯзаи ҶТ фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро қонунгузорӣ танзим намуда, на он қадар мукаммал мебошад ва асосан аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ иборат мебошад, ки ба қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ҷудо мешаванд.

Муаллиф санадҳои танзимкунандаи фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро ба гуруҳҳои зерин тасниф намудааст: қонунҳое, ки мансубияти субъект ба шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунанд; қонунҳое, ки татбиқи расмиёти маъмурӣ ва қабули санадҳои маъмуриро аз рӯйи натиҷаҳои онҳо дар муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ танзим мекунанд; қонунҳое, ки қонунӣ будани фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ муайян мекунанд (саҳ. 80).

Нишон дода мешавад, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) пеш аз ҳама бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин меъёрҳои қонунгузории маданӣ оид ба шахсони ҳуқуқӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои локалии ин ташкилотҳо, амалӣ мегардад (саҳ.82).

Дар баробари ин вобаста ба доираи фаъолият ва мақсадҳои иттиҳодияҳо, фаъолияти онҳоро метавон бо дигар қонунҳо, масалан, дар соҳаи фарҳанг, маориф, варзиш, ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ғайра танзим намуд (саҳ.92).

Дар доираи боби мазкур дар зербоби алоҳида санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ таҳлил гардидааст.

Дар адабиёти ҳуқуқии муосир омузиши моҳияти санадҳои корпоративӣ асосан бо маҳсуб донистани онҳо ҳамчун санадҳои меъёрии локалӣ амалӣ карда мешавад, аз ин рӯ, бештари хусусиятҳои онҳо дар мафҳуми санадҳои корпоративӣ инъикос меёбанд. Ба андешаи муаллиф, бояд дар байни санадҳои корпоративӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии локалӣ тафовут гузошт. Муаллиф ба таври асоснок дар идома чунин фарқияти ин санадҳоро ба таври асоснок нишон додааст (саҳ.97).

Зикр мешавад, ки вазифаи муҳимтарини санадҳои корпоративӣ фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти ассотсиатсияҳо мебошад, хусусан дар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ тамоми паҳлуҳои фаъолияти онҳоро муфассал танзим намекунанд. Инчунин, санадҳои корпоративӣ ба таҳкими фарҳанги корпоративӣ ва интизом дар ассотсиатсияҳо мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти махсуси санадҳои корпоративӣ дар таъсири назарраси онҳо ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ ва таҳаввулоти заминаи қонунгузорӣ дар ин соҳа зоҳир мегардад.

Муаллиф зарур мешуморад, ки бо дарназардошти равандҳои ҳамгирой, зарур дониста мешавад, ки муносибатҳои корпоративӣ, ки

дорои табиати ҳуқуқӣ – маданӣ мебошанд, ба низоми қонунгузории маданӣ, аз ҷумла ба м. 2 Кодекси мадании ҶТ ҳамчун навъи мустақили муносибатҳои маданӣ ворид карда шаванд (саҳ.102).

**Боби сеюми** диссертатсия «Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)» ба таҳлили ҳамаҷонибаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, масъалаҳои марбут ба мақоми ҳуқуқӣ, хусусиятҳои фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин масъалаҳои ҷавобгарии онҳо мавриди баррасии амиқи назариявию амалӣ қарор гирифтаанд.

Асоснок карда мешавад, ки номуайянии ҳуқуқии мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» боиси мушкилоти амалӣ дар муайян намудани ҳуқуққобилият, сохтори идоракунӣ ва ҷавобгарии онҳо мегардад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқи ҳадафҳои таъсис дода шавад ва низоми ҷавобгарии онҳо дар қонунгузорӣ ба таври императивӣ ва ягона танзим гардад.

Дар зербоби дуюм вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳои) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таҳлил гардида, нақши онҳо дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва миёнаравӣ байни давлат ва ҷомеа баррасӣ шудааст. Муаллиф фарқияти принсипии байни ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро аз рӯйи ҳадафи фаъолият нишон дода, таъкид менамояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бояд хусусияти иловагӣ дошта, ба татбиқи мақсадҳои оинномавӣ равона гардад.

Дар боб масъалаҳои муҳими ҷавобгарии молумулкӣ, масъулияти субсидиарӣ, хусусиятҳои муносибатҳои байни ташкилоти асосӣ ва фаръӣ, инчунин зарурати ягонакунии меъёрҳои масъулияти ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ мавриди таҳлили танқидӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки низоми амалкунандаи танзими диспозитивии ҷавобгарӣ ба талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҷавобгӯ набуда, зарурати таҳкими меъёрҳои ҳатмӣ (императивӣ) ба миён омадааст.

Хусусияти муҳими илмии боби мазкур дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 129 КМ ҶТ ва таҳкими низоми ягонаи танзими ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ифода меёбад (саҳ.129).

Дар маҷмуъ, боби сеюм бо мантиқи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ ва асосноккунии пешниҳодҳои қонунгузорӣ фарқ намуда, саҳми назаррас дар рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дорад.

Хулосаи диссертатсия аз 9 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 5 банди дорои хусусияти пешниҳодӣ иборат мебошад, ки ба такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқии

фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) равона шудаанд.

Дар хулосаи таҳқиқ бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои муайян намудани мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, фаъолияти идоракунӣ ва ҷавобгарии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), як қатор пешниҳодҳои илмӣ асоснок ҷиҳати такмили моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар меъёрҳои марбут ироа гардидаанд.

Хулосаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва такмили қонунгузорӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ барои мақомоти бақайдгирӣ, мақомоти адлия, судҳо ва дигар субъектҳои татбиқкунандаи ҳуқуқ аҳаммияти амалӣ дошта, ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва рушди устувори муносибатҳои корпоративӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти комплексӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар рисола мафҳум, аломатҳо ва табиати ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аз нав баррасӣ гардида, пешниҳодҳои муаллиф оид ба дақиқсозии мақоми ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ, махсусан дар самти муносибатҳои корпоративӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти мақомоти бақайдгирии давлатӣ, мақомоти адлия, судҳо ва дигар мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба рушди ҳамгироии соҳибкорӣ, муттаҳидсозии захираҳои молиявию истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд. Муайянсозии возеҳи мақоми ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳо метавонад ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва таҳкими ҳамкориҳои корпоративӣ таъсири мусбат расонад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки таҳкими танзими ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва касбӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳамкорӣ байни давлат ва ҷомеа мусоидат менамояд. Фаъолияти самараноки иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ метавонад ба таҳкими арзишҳои ҳуқуқбунёдӣ ва суботи иҷтимоӣ мусоидат кунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 17 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сохтори мантиқии муттасил, пайдарҳамии дохилӣ ва якпорчагии мазмун мебошад. Навгонии натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда, мазмуни нуқтаҳои ба ҳимоя баровардашуда ва аҳаммияти тавсияҳои амалии ироагардида бо фаъолияти нашриявӣ ва баромадҳои илмии муаллиф дар ҳамоишҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд. Инчунин, тарзи таҳлили масъалаҳо, интихоби методҳои тадқиқот, сатҳи умумии коркарди мавод ва услуби илмии баён нишон медиҳанд, ки хулосаҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти мустақилона ва эҷодии таҳқиқотии муаллиф мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Муаллиф ба таҷрибаи Русия, Беларус ва Нидерланд такя намудааст (саҳ. 21–22). Аммо, барои тақвияти асосноккунии илмӣ, таҳлили таҷрибаи қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон ва Узбекистон таваҷҷуҳи бештар мувофиқи мақсад мебуд. Ҳамзамон бо назардошти он ки низомҳои ҳуқуқӣ ва шароити иқтисодии ин кишварҳо ба воқеияти Тоҷикистон наздик мебошанд, ин иқдом барои исботи қобили ҳаёт будани реформаҳои пешниҳодшуда дар заминаи маҳаллӣ кумак хоҳад кард.

2. Пешниҳод оиди ба м. 129 КМ ҶТ илова намудани қисми алоҳида: «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо (иттифоқ) ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ, тибқи ҳадафҳое, ки он таъсис дода шудааст, машғул шавад (саҳ 12). Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ, ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад, ҷамъияти хоҷагӣ таъсис диҳад ё дар он иштирок намояд» баҳснок ба назар мерасад. Муаллифи

диссертатсияро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия ба ин масъала равшанӣ андозад.

3. Муаллиф имконияти дар як ассотсиатсия муттаҳид шудани ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва шахсони воқеиро асоснок мекунад (саҳ. 9-10). Аммо қонунгузории амалкунандаи ҶТ бошад, хусусияти ғайритиҷоратии чунин иттиҳодияҳоро пешбинӣ менамояд (саҳ. 20-26). Таҳлили амиқтари таҷрибаи хориҷӣ ва механизмҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, ки имкон медиҳанд аз бархӯрди мақоми ҳуқуқии иштирокчиён пешгирӣ карда шавад, зарур ба назар мерасад

Бо дарназардошти эродҳо ва норасоиҳои дар боло қайдшуда, бояд таъкид намуд, ки онҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзёбии умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири ҳалкунанда намерасонанд, сатҳи анҷомёфт ва мукаммалии таҳқиқро халалдор намекунанд ва арзиши натиҷаҳои илмии бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Раиси Суди Олии иқтисодии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода З.Ф.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Завқибеков, хонаи 8, блоки 2, ҳуҷраи 15
Тел. 221-15-58
E-mail: z.abdullozoda@soi.tj

**Имзои З.Ф. Абдуллозодаро тасдиқ мекунам:**
Мудири Бахши кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратуллоев С.

**Суроға:** 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Фотеҳ Ниёзӣ 37
Тел. (+992 37) 221-10-46; Факс.: (+992 37) 221-15-58.
E-mail: info@soi.tj

«23» 02 соли 2026